**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ)**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷура Латифович (раис), доктори илмҳои таърих, профессор Мирзоев Ниез Мирзобадалович, доктори илмҳои таърих, профессор Собирова Қурбонбегим Давлатқадамовна бо таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб меёбад. Дар раванди омӯзиши масъала муаллиф аз сарчашмаҳо ва адабиёти илмии гуногун, аз ҷумла осори афғоншиносони давраи шуравӣ ва пасошуравӣ, инчунин таҳқиқоти олимони Афғонистон ва кишварҳои хориҷӣ ба таври фаровон истифода кардааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда хусусияти мустақилона дошта, аз нигоҳи сохтор, муҳтаво ва услуб ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳадаф ва вазифаҳои муайянгардидаи таҳқиқот пурра амалӣ шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар заминаи далелҳо ва таҳлили илмӣ асоснок гардидаанд.

**Мубрамии омӯзиши мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки Афғонистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ба яке аз марказҳои асосии рақобати қудратҳои бузург ва низоъҳои дохилии сиёсӣ табдил ёфта буд. Дар ин давра мубориза барои қудрат миёни ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ ва исломӣ ба бесуботии вазъи сиёсӣ ва низомии кишвар мусоидат намуд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили омилҳои дохилӣ ва хориҷии ноустувории ҳокимияти сиёсӣ дар Афғонистон дар заминаи сарчашмаҳои муътамад имкон фароҳам меорад, ки равандҳои минбаъдаи рушди ин кишвар ва таъсири онҳо ба давлатҳои ҳамсоя ба таври воқеъбинона арзёбӣ карда шаванд.

Таҳаввулоти сиёсӣ ва низомии Афғонистон, махсусан аз нуқтаи назари таъмини амнияти минтақавӣ, ҳамеша дар меҳвари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштааст ва дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои дарки равандҳои сиёсӣ ва амниятии минтақа муҳим арзёбӣ мегардад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф зимни омӯзиши мавзуъ аз доираи васеи сарчашмаҳои камомӯхта ва қаблан мавриди таҳқиқи кофӣ қарорнагирифта истифода намудааст. Дар рисола масъалаҳои гузошташуда бо равишҳои нави таҳлилӣ баррасӣ гардида, воқеаҳои муҳими давраи таҳқиқшаванда, аз ҷумла зуҳур ва фаъолияти ҳаракати «Толибон», инчунин ихтилофоти миёни ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ аз нигоҳи нав таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, хулосаҳо ва натиҷагириҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дар заминаи таҳлили мантиқӣ ва далелҳои муътамади таърихӣ асоснок гардидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд барои пешбурди таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи таърих, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ мусоидат намоянд. Хулосаҳо, натиҷаҳо ва таҳлилҳои пешниҳоднамудаи муаллиф барои омӯзиши масъалаҳои марбут ба таърихи муосири Афғонистон, равандҳои давлатсозӣ ва низоъҳои минтақавӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанни «Таърихи Афғонистон», омода намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, магистрантон ва докторони фалсафа (PhD), инчунин дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба низоъҳои минтақавӣ ва таърихи умумӣ ба таври васеъ истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб дар он ифода меёбад, ки мавзуи таҳқиқ дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва адабиёти илмии марбут мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф масъалаҳои асосии таҳқиқро мустақилона омӯзиш намуда, воқеаҳо ва равандҳои сиёсӣ-низомии Афғонистонро таҳлил кардааст.

Аз ҷумла, дар диссертатсия низоми идоракунӣ ва фаъолияти сиёсии муҷоҳиддин бо ҳаракати «Толибон» муқоиса гардида, умумиятҳо ва фарқиятҳои асосии онҳо муайян ва нишон дода шудаанд. Дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва маводи илмӣ муаллиф хулосаҳои мустақилонаи худро пешниҳод намуда, ба натиҷаҳои илмии асоснок даст ёфтааст.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф буда, тамоми андешаҳои илмӣ, таҳлилҳо, хулосабарориҳо ва коркарди назариявию методологии он мустақилона анҷом дода шудаанд.

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон кори мустақилона буда, аз сохтори муназзам, пайдарҳамии мантиқӣ, навгониҳо ва хулосаҳои илмӣ иборат аст. Мазмуни матни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» аз рӯйи натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талаботи муқаррарнамудаи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) сазовор аст.

Комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад, ки диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) комилан мувофиқ аст.

Комиссияи экспертӣ вобаста ба масъалаҳои зикршуда чунин қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мегарданд:

**а) доктори илмҳои таърих, профессор Шарифов Раҳмоналӣ Ятимович;**

**б) номзади илмҳои таърих, Исмоилова Машхура Буҳоватдиновна.**

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон** таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Латифов Ҷ.Л.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Мирзоев Н.М.

доктори илмҳои таърих, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Собирова Қ.Д.

«**Тасдиқ мекунам**»:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

09. 07. 2026